Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «30»декабри соли 2015,
№ 772 тасдиқ шудааст

# БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРИҲО БАРОИ СОЛҲОИ 2016–2020

ДУШАНБЕ 2015

**Мундарича**


| | |
|---|---|
| Рӯйхати ихтисорот | |
| Маълумоти асосӣ дар бораи кишвар | |
| **Фасли I. Тавсифи умумии Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016-2020** | |
| Муқаддима | |
| 1. Шарҳи мухтасари кишвар | |
| 2. Иқтисодиёти давраи гузариш | |
| 3. Фарогирӣ ва самаранокии Барнома | |
| 4. Ҳолатҳои макроиқтисодӣ | |
| **Фасли II. Татбиқи Барномаи давлатии сармоягузориҳо, грантҳо ва сохтмони асосӣ барои солҳои 2012-2014** | |
| 5.Маълумоти мухтасар доир ба татбиқи «Барномаи давлатии сармоягузориҳо, грантҳо ва сохтмони асосӣ дар давоми солҳои 2012-2014» | |
| **Фасли III. Манбаъҳои маблағгузорӣ, чараёни таҳияи сохтор ва рамзҳои Барнома** | |
| 6. Манбаъҳои маблағгузории Барнома | |
| 7. Ҷараёни омодасозии сохтори Барнома | |
| 8. Рамзҳои Барнома ва таснифоти онҳо | |
| 9. Тақсимоти маблағҳои сармоягузорӣ аз рӯи соҳаҳо | |
| **Фасли IV. Бахши сохтмони асосӣ** | |
| 10. Бахши сохтмони асосӣ (аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамаркази Буҷети давлатӣ) | |
| 11. Тақсимоти маблағҳо барои сохтмони асосӣ аз рӯи соҳаҳо | |
| **Фасли V. Лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ** | |
| 12. Асосҳои пешниҳоди лоиҳаҳои грантӣ ва кумаки техникӣ | |
| 13. Сохтори лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ | |
| **Фасли VI. Муаррифии намунаҳои ҷадвалҳои маълумотӣ ва ҷамъбастии Барномаи давлатии сармоягузориҳо** | |
| 14. Ҷараёни тартиб додани ҷадвалҳои маълумотӣ ва ҷамъбастӣ | |
| 15. Ҷадвалҳои маълумотӣ дар бораи лоиҳаҳо (ҶМЛ) | |
| 16. Ҷадвалҳои маълумотӣ дар бораи лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ | |
| 17. Ҷадвалҳои ҷамъбастии Барномаи давлатии сармоягузориҳо | |
| **Замимаҳо ва ҷадвалҳо** | |
| Замимаи №1. Сиёсати стратегии бахшҳои иқтисодиёти миллӣ | |
| Замимаи №2. Ҷадвалҳои ҷамъбастии Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016-2020 | |
| Ҷадвали ҷамъбастии 1: Тақсимоти маблағҳо аз рӯи соҳаҳо дар доираи Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016-2020 | |
| Ҷадвали ҷамъбастии 2: Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи давлатии сармоягузориҳо то 01.09.2015 с. | |
| Ҷадвали ҷамъбастии 3: Манбаъҳои маблағгузории Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016-2020 | |
| Ҷадвали ҷамъбастии 4: Бахши сохтмони асосӣ (аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамаркази Буҷети давлатӣ) барои солҳои 2016-2020 | |
| Ҷадвали ҷамъбастии 5: Лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникии наву амалкунанда барои солҳои 2016-2020 | |

## Маълумоти асосӣ дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| Масоҳат | 142 600 км$^2$ |
| Пойтахт | Душанбе |
| Аҳолӣ | 8439,7 ҳазор нафар (01.07. 2015) |
| | занҳо – 49.6% |
| | мардҳо– 50.4% |
| | аҳолии деҳот – 73.5% |
| | аҳолии шаҳр – 26,5% |
| Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ | 9 сентябри соли 1991 |
| Қабули Конститутсия | 6 ноябри соли 1994 |
| Шакли сиёсӣ | Ҷумҳурӣ |
| Ҳокимияти иҷроия | Сарвари Ҳукумат (Раис), Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Ҳокимияти қонунгузор | Маҷлиси Олӣ (Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон) |
| Ҳокимияти судӣ | Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ |
| Сохтори маъмурӣ | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон<br>аҳолӣ – 0,214 млн. нафар,<br>масоҳат – 64 100 км$^2$ |
| | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ<br>аҳолӣ – 1,9 млн. нафар<br>масоҳат – 28 600 км$^2$ |
| | Вилояти Суғд<br>аҳолӣ – 2,4 млн. нафар<br>масоҳат – 25 200 км$^2$ |
| | Вилояти Хатлон<br>аҳолӣ – 2,9 млн. нафар<br>масоҳат – 24 600 км$^2$ |
| | Шаҳри Душанбе<br>аҳолӣ – 0,78 млн. нафар<br>масоҳат – 126,6 км$^2$ |
| Асъор | Сомонӣ (6,2860 сомонӣ=1 долл. ШМА,<br>қурби миёнаи расмӣ ба ҳолати 01.09.2015 с.) |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ | 5468,2сомонӣ (соли 2014) |
| Таркиби миллии аҳолӣ | тоҷикон–84,3 %<br>ӯзбекҳо–12,2 %<br>русҳо–0,5 %<br>дигарон–3 % |
| Забон | Давлатӣ – тоҷикӣ<br>муоширати байналмилалӣ - русӣ |
| Давомнокии умр | Ба ҳисоби миёна - 72,8 сол (соли 2013)<br>занҳо 74,6 сол<br>мардҳо 71,1 сол |
| Фавти кӯдакон (то 1-сола) | 16,8 (ба ҳар 1000 зинда таваллудшуда) |
| Таваллуд | 29,3 (ба ҳар 1000 нафар) |
| Фавти модарон | 45 ба 100 000 таваллуд |
| Маълумотнокӣ | 97 % |
| Таносуби шумораи аҳолӣ ба ҳар духтур | 20,2 (ба 10 000 аҳолӣ) |

## Фасли I. Тавсифи умумии Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016–2020

### Боби 1. Муқаддима

Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016–2020 (минбаъд - БДС) аз тарафи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибатҳои сиёсию иқтисодии хешро дар арсаи байналмилалӣ аз рӯи принсипҳои шарикӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд татбиқ менамояд. Талошҳои пайгиронаи Президенти мамлакат дар ин раванд пайваста ба густариши ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва ҷомеаи ҷаҳонӣ равона гардиданд, ки дар давраи истиқлолияти давлатӣ эътибори Тоҷикистонро дар миқёси ҷаҳон баланд бардошт.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои миллии хешро дар Барномаи давлатии сармоягузориҳо муайян намудааст ва фаъолияти худро ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва комёб гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола равона кардааст.

### Боби 2. Шарҳи мухтасари кишвар

Тоҷикистон кишвари кӯҳсор буда, роҳи баромад ба баҳр надорад ва бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Ӯзбекистон ҳамсарҳад аст. Қисмати шимолӣ ва ҷанубӣ, инчунин ғарбӣ ва шарқии кишварро қаторкӯҳҳо аз ҳам ҷудо менамоянд.

Кишвар дорои захираҳои азими гидроэнергетикӣ мебошад. Дурнамои нерӯи барқи арзон барои истеҳсоли алюминий дар Тоҷикистон шароити мусоид муҳайё намудааст. Иқлими мусоиди гармӣ ва мавсими дарозмуддати кишоварзӣ якҷоя бо захираҳои фаровони обҳои дарёҳо барои обёрии заминҳо ҷиҳати махсусгардонии мамлакат ба соҳаи пахтакорӣ шароити хубро фароҳам овардааст. Ин омилҳо сохтори асосии иқтисодии кишварро муайян месозанд.

Дар соҳаи истеҳсолоти саноат ба ғайр аз алюминий дар кишвар истифодаи иқтидору инфрасохтор барои истеҳсоли маводи кимиёӣ, нуриҳои минералӣ ва органикӣ, семент, равғани растанӣ, маҳсулоти нассоҷӣ ва ғайра мавҷуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи канданиҳои фоиданоки serizаминӣ, аз ҷумла: нафт, симоб, ангишт, сурб, руҳ, сурма, волфрам, тилло, нуқра, сангҳои қиматбаҳову ороишӣ ва санги мармар мебошад.

Дарозии роҳҳои мошингард зиёда аз 26 605,1 км ва роҳҳои оҳани дорои аҳамияти умумидошта 953 км-ро ташкил медиҳанд. Инчунин чаҳор фурудгоҳи ҳавоии асосие, ки ба хатсайрҳои байналмилалӣ хизмат мерасонанд, арзи вуҷуд доранд.

### Боби 3. Иқтисодиёти давраи гузариш

Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2014 6,4 фоиз зиёд гардида, нишондиҳандаи мазкур дар 8 моҳи соли ҷорӣ ба 28,5 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 1,7 млрд. сомонӣ зиёд аст.

Ҷадвали №1

**Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2014 ва 8 моҳи соли 2015**

| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 01.08.2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД номиналӣ (млн. сомонӣ) | 24704,7 | 30069,3 | 36161,1 | 40524,5 | 45605,2 | 28500 |
| ММД воқеӣ (бо % афзоиш) | 106,5 | 107,4 | 107,5 | 107,4 | 106,7 | 106,4 |
| Таваррум (бо %) | 9,8 | 12,5 | 6,4 | 5,1 | 7,4 | 6,0 |
| Сохтори ММД (бо % аз ҳаҷми ММД) | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Истеҳсоли молҳо | 41,7 | 43,5 | 46,1 | 44,3 | 45,5 | 43,2 |
| Хизматрасонӣ | 47,9 | 44,7 | 42,3 | 43,0 | 40,8 | 43,7 |
| Андозҳои холис | 10,5 | 11,8 | 11,6 | 12,7 | 13,7 | 13,1 |
| Нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ нисбат ба ММД (бо %) | | | | | | |
| Даромадҳо | 13,3 | 28,2 | 26,5 | 28,5 | 25,8 | 28,7 |
| Хароҷот | 13,4 | 27,5 | 25,1 | 28,2 | 24,3 | 26,8 |
| Каср | -0,1 | 0,7 | 1,5 | 0,3 | 1,5 | 1,9 |
| Нишондиҳандаҳои гардиши савдои хориҷӣ (млн. долл. ШМА) | | | | | | |
| Гардиши савдои хориҷӣ (млн.долл.ШМА) | 3853,1 | 4443,3 | 5137,6 | 5284,7 | 5316,2 | 2766,8 |
| Содирот (млн.долл.ИМА) | 1195,3 | 1256,9 | 1359,4 | 1163,4 | 977,4 | 614,3 |
| Воридот (млн.долл.ШМА) | 2657,8 | 3186,4 | 3778,2 | 4121,3 | 4338,8 | 2152,5 |
| Фарқият (+/-) (млн.долл.ШМА) | -1462,5 | -1929,5 | -2418,8 | -2957,9 | -3361,3 | -1538,2 |

Дар 8 моҳи соли ҷорӣ нисбат ба моҳҳои январ - августи соли 2014 маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 13,3 фоиз, кишоварзӣ 6,2 фоиз, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 25,7 фоиз ва гардиши савдои чакана 8,2 фоиз афзоиш ёфт.

Дар ин давра индекси нархҳои истеъмолӣ 103,2 фоиз, аз он ҷумла, ба маҳсулоти озуқа 102,7 фоиз, ғайриозуқа 103,8 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 104,3 фоизро ташкил дод.

Дар ин давра муомилоти савдои хориҷии ҷумҳурӣ бо 82 давлат, аз он ҷумла бо 10 давлати ИДМ ва 72 давлати хориҷаи дур сурат гирифт.

Нишондиҳандаҳои гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 сентябри соли 2015 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 18,8 фоиз кам гардида, 2766,8 млн. доллари ШМА-ро ташкил намуд.

Дар моҳҳои январ - августи соли ҷорӣ ҳаҷми умумии даромадҳои буҷети давлатӣ 9426,5 млн. сомониро ташкил дод, ки он ба 96,3 фоизи нақшаи пешбинишуда баробар аст.

Даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ ба 7711,02 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба нақша 4,5 фоиз ё 361,3 млн.сомонӣ кам аст. Дар таркиби даромадҳои ҷорӣ иҷрои нақшаи воридоти андозӣ дар сатҳи 92,3 фоиз ё 571,8 млн.сомонӣ кам ва воридоти ғайриандозӣ 131,5 фоиз ё ин ки 210,6 млн.сомонӣ зиёд иҷро шудааст.

Андозаи номиналии музди меҳнати миёнамоҳона дар моҳҳои январ-июли соли 2015-ум 893,12 сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,1 фоиз зиёд ва рушди воқеии он 100,9 фоизро дар бар мегирад.

Ба ҳолати 1 сентябри соли 2015 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ, маблағҳои асосӣ дар ҳаҷми 5135,2 млн. сомонӣ азхуд карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 121,2 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҳаҷми умумии маблағҳои асосӣ 59,1 фоизи он дар сохтмонҳои иншоотҳои таъиноти истеҳсолидошта аз худ шудааст.

Солҳои охир дар фаъолияти сармоягузорӣ дигаргуниҳои мусбӣ мушоҳида гардидаанд. Ҳаҷми маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ дар панҷ соли охир зиёда аз 4 маротиба афзуд. Дар ҷумҳурӣ барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва зиёд гардидани сармоягузории хориҷӣ корҳои зиёде анҷом дода шуда, дар ин самт дигаргуниҳои куллӣ ба амал омадаанд.

Бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Кодекси андоз дар таҳрири нав, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» ва «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои сармоягузорони хориҷию ватанӣ равона карда шудааст. Инчунин, бо ин мақсад «Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ» таъсис дода шудааст.

Дар ҷумҳурӣ чор минтақаи озоди иқтисодӣ, аз ҷумла минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд» дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, «Панҷ» дар ноҳияи Қумсангир ва «Данғара» дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ва «Ишкошим» дар ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъсис дода шуд.

Ба санаи 1 сентябри соли 2015 дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ 61 субъект ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 26 субъект ба МОИ «Суғд», 8 субъект ба МОИ «Панҷ» ва 27 субъект ба МОИ «Данғара» рост омада, дар маҷмӯъ ба маблағи зиёда аз 98 млн. сомонӣ сармоягузорӣ шудааст.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 54 адад лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ бо арзиши умумии 2,2 млрд. доллари ШМА мавриди амал қарор доранд, дар сохтори он 1017,6 млн. доллари ШМА қарз, 1070 млн. доллари ШМА грант, 149,1 млн. доллари ШМА бо саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 32,2 млн. доллари ШМА аз дигар сарчашмаҳо мавриди татбиқ қарор доранд.

Аз аввали татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ то инчониб (01.09.2015) дар ҳаҷми 1133,9 млн. доллари ШМА ё 49,1 фоиз, аз он 553,2 млн. доллари ШМА қарз ё 54,3 фоиз, 482 млн. доллари ШМА грант ё 45 фоиз, 90,5 млн. доллари ШМА саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё 60,1 фоиз ва 8,1 млн. доллари ШМА аз дигар сарчашмаҳо ё 25,2 фоиз азхуд шудааст.

Аз ҷумла, дар 8 моҳи соли ҷорӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои муштарак – 194,1 млн. доллари ШМА маблағҳо азхуд карда шудаанд, (*нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 70,4 млн. доллари ШМА зиёд*) аз ҷумла, аз ҳисоби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 7,4 млн. доллар, қарзи ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ – 74,3 млн. доллар, маблағҳои грантӣ – 111 млн. доллари ШМА ва дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ – 1,2 млн. доллар.

Дар доираи маблағҳои азхудшуда (8 моҳи соли 2015) дар соҳаи энергетика ва нақлиёт – 143,5 млн. доллари ШМА, маориф ва тандурустӣ – 10,2 млн. доллари ШМА, кишоварзӣ ва ирригатсия – 17,9 млн. доллари ШМА, обтаъминкунӣ – 13,9 млн. доллари ШМА ва дигар соҳаҳо – 8,6 млн. доллари ШМА маблағҳо аз худ карда шудаанд.

**Боби 4. Фарогирӣ ва самаранокии Барнома**

Барномаи давлатии сармоягузориҳо бо ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ ва мутамарказ омода карда шудааст, ки дар чорчӯбаи молиявии воқеӣ омода гардидааст. Азбаски захираҳои молиявӣ ба қадри зарурӣ нокифояанд, БДС аз рӯи барномаҳои сармоягузорӣ афзалиятҳои миқдориро муқаррар месозад. Барнома бо дарназардошти як қатор меъёрҳо баррасӣ мешавад, ки бартарияти кифоятӣ ва сифатии онҳо таъмин гардад. Бо роҳи муайян сохтани сармоягузориҳое, ки барои татбиқашон воситаҳо ҳанӯз пайдо карда нашудаанд, БДС ба сафарбар намудани захираҳои молиявии хориҷӣ имкон медиҳад.

Дар доираи БДС мақсаду вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи сиёсат ва нақши танзимкунандаи он мавриди таҳкими сармояи мусоид барои фаъолияти бахши хусусӣ ба назар гирифта шудааст. Вусъати иштироки бахши хусусӣ дар ҷое, ки иқтисодиёт қарор дорад, ба ташаккули даромадҳо, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар бештар мусоидат хоҳад кард.

Лоиҳаҳои ба БДС воридшуда сармоягузориҳои муассисаҳои давлатӣ, идора ва сохторҳои корпоративиро дар бар мегиранд. Қисми муайяни хароҷотҳоро аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатӣ ё қарзҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатдода, маблағгузорӣ кардан имконият дорад. Фондҳои сармоягузорӣ метавонанд дорои хароҷоти оперативӣ ва кӯмакҳои техникӣ бошанд, ба шарте ки онҳо қисми ҷудонашавандаи лоиҳа маҳсуб дониста шаванд. Лоиҳаҳои алоҳида оид ба кӯмакҳои техникӣ ба таври алоҳида пешниҳод шудаанд.

**Боби 5. Ҳолатҳои макроиқтисодӣ**

Хароҷот ба БДС қисми ҷудонашавандаи хароҷоти миёнамӯҳлат дар доираи буҷет (минбаъд - ҲММДБ) ба ҳисоб меравад. ҲММДБ бояд ҳамаҷониба афзалиятнок бошад ва нишондиҳандаҳои

банақшагирифташудаи иқтисодиёт, ӯҳдадориҳои қарзӣ ва тадбирҳои сиёсати иқтисодиро, ки дар Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон ба таври васеъ дар назар дошта мешаванд, ба инобат гирад.

Хароҷоти буҷет рушди иқтисодии банақшагирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сатҳи таваррумро барои солҳои минбаъда инъикос менамояд. Дар ҷараёни ин давра афзоиши хароҷоти буҷет, асосан дар бахшҳои энергетика, нақлиёт, маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни омодагии буҷети кишварро таҳким мебахшад, то ин ки мақсаднокии хароҷот ва назорати хароҷоти маблағҳои буҷетиро, ки барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон ҷудо шудаанд, беҳтар намояд.

Мутобиқи сиёсати иқтисодӣ ва молиявии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорчӯбаи механизми маблағгузорӣ бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва мусоидат ба рушди соҳаҳои иқтисод: сиёсати макроиқтисодӣ ва тадбирҳои молиявӣ дар ҷараёни давраи миёнамӯҳлат барои татбиқи самаранокии сиёсат, рушди устувори иқтисодӣ, қурби мӯътадили мубодилавӣ ва сатҳи пасти таваррум равона хоҳад гашт.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзҳои берунаи давлатиро таҳти назорати доимӣ  қарор додааст ва ҳар семоҳа маълумотро дар бораи қарзи хориҷӣ дар воситаҳои ахбори омма ҷой медиҳад.

## Фасли II. Татбиқи Барномаи давлатии сармоягузориҳо, грантҳо ва сохтмони асосӣ барои солҳои 2012-2014

### Боби 6. Татбиқи Барномаи давлатии сармоягузориҳо, грантҳо ва сохтмони асосӣ барои солҳои 2012-2014

Ҷалби сармояҳои хориҷӣ барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок дар шароите, ки маблағгузориҳои дохилии кишвар маҳдуданд, яке аз омилҳои асосии рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Аз ин рӯ, бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ҳамасола аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои ҷумҳурӣ Барномаи давлатии сармоягузорӣ, грантҳо ва сохтмони асосӣ барои солҳои дахлдор (се сола) таҳия карда мешавад.

Дар ин давра Барномаи давлатии сармоягузориҳо, грантҳо ва сохтмони асосӣ барои солҳои 2012-2014, 2013-2015,  2014-2016 ва 2015-2017 таҳия карда шудааст, ки бо қарорҳои дахлдори  Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд ва мавриди татбиқ қарор дода шудаанд.

Дар Барномаи давлатии сармоягузорӣ, грантҳо ва сохтмони асосӣ барои солҳои 2012-2014 теъдоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ (лоиҳаҳои қарзӣ) дар маҷмӯъ 99 лоиҳаро бо маблағи умумии 15,3 млрд. доллари ШМА дар бар гирифта, аз он 26 лоиҳаи амалкунанда бо маблағи умумии 1,3 млрд. доллари ШМА ва 73 лоиҳаи нав бо маблағи 13,9 млрд. доллари ШМА иборат буд. Барои се соли пешбинишуда (солҳои 2012-2014) маблағгузорӣ дар ҳаҷми 3,9 млрд. доллари ШМА муайян шуда буд.

Дар доираи барномаи мазкур (лоиҳаҳои қарзӣ ва грантӣ) дар давоми солҳои 2012 ва соли 2014 аз рӯи таҳлилҳо ба маблағи зиёда аз 701,2 млн.

доллари ШМА аз худ карда шудааст, ки 17,9 фоизи маблағи дар ин давра пешбинишударо ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, аз ҳисоби грантҳо – 359,4 млн. доллари ШМА., қарз – 293,6 млн. доллари ШМА, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 40,9 млн. доллари ШМА ва дигарҳо 6,9 млн. доллари ШМА аз худ карда шудааст.

Дар Барномаи давлатии сармоягузориҳо, грантҳо ва сохтмони асосӣ барои солҳои 2015-2017 теъдоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар маҷмӯъ 123 лоиҳаро бо маблағи умумии 16,1 млрд. доллари ШМА дар бар гирифта, аз 40 лоиҳаи амалкунанда бо маблағи умумии 1,4 млрд. доллари ШМА ва аз 83 лоиҳаи нав бо маблағи 14,6 млрд. долл. ШМА бе назардошти лоиҳаҳои грантӣ ва кумаки техникӣ иборат мебошад. Барои се соли пешбинишуда *(солҳои 2015-2017)* маблағгузорӣ қариб дар ҳаҷми 1,8 млрд. доллари ШМА дар назар дошта шудааст.

Лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ аз 610 лоиҳа ба маблағи 12,4 млрд. доллари ШМА иборат мебошанд. Аз теъдоди умумии лоиҳаҳо оид ба грантҳо ва кӯмаки техникӣ дар 110 лоиҳа манбаъҳои маблағгузорӣ муайян шудаанд, ки аксарияти онҳо амалӣ шуда истода, қисме аз онҳо дар мавриди мувофиқа бо донорҳо қарор доранд.

Дар солҳои 2015-2017 барои сохтмони иншоотҳои аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамаркази Буҷети давлатӣ сохташаванда дар ҳаҷми 9 547,3 млн. сомонӣ, аз он ҷумла; дар соли 2015 – 3009,6 млн. сомонӣ, соли 2016 – 3151,2 млн. сомонӣ ва дар соли 2017 – 3333,2 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар соли 2014 аз рӯи таҳлилҳо дар ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ 54 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 2289,5 млн. доллари ШМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардидааст.

Аз аввали татбиқи лоиҳаҳо то охири соли 2014 ба маблағи 1005,4 млн. доллари ШМА азхуд карда шудааст, ки 46,09% арзиши умумии лоиҳаҳоро ташкил медиҳад аз ҷумла, дар соли 2014 ба маблағи 249,5 млн. доллари ШМА. аз худ карда шудааст.

Маблағгузорӣ нисбати манбаъҳои сармоягузории лоиҳаҳо аз аввали татбиқи лоиҳаҳо чунин тақсим шудааст:

- саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 87,8 млн. доллари ШМА;
- маблағҳои ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ – 524,7 млн. доллари ШМА;
- грантҳо – 433,9 млн. доллари ШМА;
- манбаъҳои ғайрибуҷетӣ – 8,7 млн. доллари ШМА;

Ҳамзамон дар соли 2014 дар доираи татбиқи лоиҳаҳои муштарак – 249,5 млн. доллари ШМА маблағҳо азхуд карда шудаанд, ки аз ин ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 18,2 млн. доллари ШМА, қарзи ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ 90,6 млн. доллари ШМА, маблағҳои грантӣ 137,9 млн. доллари ШМА ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ 2,6 млн. доллари ШМА-ро ташкил медиҳад.

## Фасли III. Манбаъҳои маблағгузорӣ, ҷараёни таҳияи сохтор ва рамзҳои Барнома

### Боби 7. Манбаъҳои маблағгузории Барнома

Манбаъҳои маблағгузорӣ барои сармоягузориҳои давлатиро фондҳои донорҳо, Буҷети давлатӣ ва дигар манбаъҳои молиявии дохилию беруна ташкил медиҳанд (ҷадвалҳои ҷамъбастии 3-5 замимаи 2)

Дар Барнома лоиҳаҳои қарзӣ ва лоиҳаҳои грантӣ дар доираи се бахш гурӯҳбандӣ шудаанд;

а) лоиҳаҳое, ки маблағгузориашон тасдиқ шудааст (бо донорҳо шартномаҳо имзо шудаанд);

б) лоиҳаҳое, ки маблағгузории як қисмашон муайян шудааст ё лоиҳаҳое, ки дарёфти манбаъи маблағгузориашон идома дорад (шумораи ками онҳо дар марҳилаи гуфтушунид бо донорҳои муайяншуда қарор доранд);

в) лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникии амалкунанда ва нав пешниҳодшуда, ки дар хусуси маблағгузории онҳо гуфтушунид нашудааст.

Имтиёзҳои андозию гумрукии муайяннамудаи қонунгузории андозу гумрук, танҳо нисбат ба лоиҳаҳои давлатии сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба муқарраротӣ моддаи 16 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамоянд, татбиқ мегарданд.

### Боби 8. Ҷараёни омодасозии сохтори Барнома

Тибқи нақшаи корӣ ҳамасола дар моҳи январи соли дахлдор вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ҷиҳатӣ ба БДС ворид намудани лоиҳаҳои нав дархост пешниҳод менамоянд. Пешниҳодҳои манзургардида дар аввали моҳи феврал ҷамъбаст гардида, бо мақсади дақиқ сохтани маълумоти пешниҳодшуда ва муайян намудани лоиҳаҳои афзалиятнок бо намояндагони мақомоту идораҳои марбута мукотиба ва вохӯриҳо гузаронида мешавад.

Пешниҳодҳои манзуршуда ба таври мухтасар шарҳ ёфта, бо мақсади таъмини дараҷаи афзалиятнокии лоиҳаҳои дохилшуда аз ҷараёни интихоб гузаштанд.

Барои муайян кардани афзалиятнокии лоиҳаҳои нави пешниҳодшуда меъёрҳои зерин мавриди истифода қарор дода шуданд:

А) Мулоҳизаҳои стратегӣ: (Оё лоиҳаи пешниҳодшуда стратегияи умумии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати рушди иқтисодӣ инъикос мекунад ва ба мақсаду вазифаҳо ва стратегияи бахш мутобиқат менамояд?)

Стратегияи умумии рушди иқтисодӣ дар санадҳои мухталифи давлатӣ ба таври дақиқ ифода гардидааст, ки дар байни онҳо ҳуҷҷати «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавқеи асосӣ дорад. Стратегияи бахш бо номи «Сиёсати стратегии бахшҳои иқтисодиёти миллӣ» ифода ёфтааст. Стратегияи бахшҳо дар асоси маводу ҳуҷҷатҳои аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида ва дар ҷараёни вохӯриҳои гузаронидашуда, таҳия шудаанд.

Б) Мураттаб сохтани лоиҳаҳо: (Оё лоиҳаҳои пешниҳодшуда дар сатҳи зарурӣ мураттаб гаштаанд?)

Дар ҷараёни интихоб ба сифати лоиҳаҳои пешниҳодшуда диққати ҷиддӣ дода шудааст. Аксари лоиҳаҳои пешниҳодшуда мувофиқи тартиботи муқарраргашта мураттаб нашудаанд, аз ин лиҳоз барои такмил баргардонида шудаанд.

В) Асоснокии иқтисодӣ: (Оё тамоми хароҷот ва даромадҳои вобаста ба лоиҳа дуруст ҳисоб карда шудаанд? Ягон ҳуҷҷате, ки воқеияти ҳисоботро тасдиқ мекунад, вуҷуд дорад? Асосноксозии техникию иқтисодӣ сурат гирифтааст? Ғайр аз ин, оё Ҳукумат барои лоиҳа ягон масъулияте ба дӯш дорад, ё тамоми масъулият ба зиммаи бахши хусусӣ вогузор карда мешавад?

Дар сурати мавҷуд набудани асосноккунии дахлдор тавсия дода мешавад, ки ҷиҳати муайян намудани мақсаднок ва самаранок будани лоиҳаҳои пешниҳодшуда, ҷараёни асосноксозии техникию иқтисодӣ гузаронида шавад.

Г) Қобилияти татбиқи лоиҳаҳо: (Оё агентии иҷрокунанда қобилияти татбиқи лоиҳаро дорад? Оё инфрасохтори зарурии ёрирасон вуҷуд дорад?)

Имконияти иҷрошавӣ ва қобилияти татбиқи лоиҳаҳо дар давраи гузаронидани асосноксозии техникию иқтисодии лоиҳаҳо аз нав дида баромада мешавад.

Д) Оқибатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ: (Оё ягон оқибатҳои экологӣ ва ё иҷтимоӣ баррасӣ шудаанд, ки баъди татбиқи лоиҳа ба ҳолати экологии муҳит ва шароитҳои иҷтимоии аҳолӣ таъсири манфӣ нарасад?)

Лоиҳаҳои сармоягузорӣ бояд ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва стандартҳои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шаванд.

## Боби 9. Рамзҳои Барнома ва таснифоти соҳаҳо

Бо мақсади гурӯҳбандии лоиҳаҳо ҳар лоиҳаи сармоягузорие, ки дар доираи ҳуҷҷати БДС таҳия мегардад, бо рамз ишора карда шудааст. Рамзҳо аз се ҳарфи бо алифбои англисӣ ишорашуда иборатанд, ки баъди онҳо ду адад ҳамроҳ мегардад. Ихтисороти иборат аз се ҳарф гурӯҳи соҳаро муайян намуда, дар ҷадвалҳои ҷамъбастии ба соҳаҳо мутобиқаткунанда мураттаб гаштаанд. Бахшҳои асосӣ ва ихтисороти рамзӣ дар асоси шакли дар ҷадвали №2 ва Ҷадвали ҷамъбастии 3–и замимаи №2 оварда шуда, рамзгузорӣ мешаванд.

Истифодаи ихтисороти рамзӣ (бо назардошти ҳаҷман зиёд будани номгӯи лоиҳаҳо бидуни ҷойгиркунонӣ дар матни Барномаи мазкур), дар алоҳидагӣ ҳангоми таҳия, пешниҳод ва интихоби лоиҳаҳо дар ҳамбастагӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ ва донорҳо сурат мегирад.

Ҷадвали №2

| Соҳаҳо | Рамзҳои гузошташуда |
|---|---|
| Идоракунии иқтисодиёт | ECM |
| Кишоварзӣ | AGR |
| Ирригатсия / обёрӣ | IRW |
| Таъминоти об ва канализатсия | WSS |
| Энергетика | ENE |

| | |
|---|---|
| Нақлиёт | TRA |
| Экология | ECO |
| Маориф | EDU |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | HEA |
| Рушди бахши хусусӣ | PSD |
| Бахшҳои хурд ва дигар | MUL |

## Боби 10. Тақсимоти маблағҳои сармоягузорӣ аз руӣ соҳаҳо

Дар БДС теъдоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар маҷмӯъ 144 лоиҳаро бо маблағи умумии 17,3 млрд. доллари ШМА дар бар гирифта, аз 23 лоиҳаи амалкунанда бо маблағи умумии 1,2 млрд. доллари ШМА ва 121 лоиҳаи нав бо маблағи 16,1 млрд. доллари ШМА бе назардошти лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ иборат мебошад (ҷадвали ҷамъбастии 1-и замимаи №2). Барои панҷ соли пешбинишуда (солҳои 2016-2020) маблағгузорӣ дар ҳаҷми 1020 млн. доллари ШМА дар назар дошта шудааст, ки дар Ҷадвали 3 бо ифодаи соҳаҳо ва солҳо оварда шудааст.

Нишондиҳандаҳои рақамии аз рӯи ҳар як соҳа овардашуда лоиҳаҳоеро, ки дар давраи татбиқ қарор дошта (бо маблағгузорӣ таъмин шудаанд) ва лоиҳаҳои нав пешниҳодшударо (баъзеи онҳо манбаъҳои муайяни маблағгузорӣ доранд) фаро мегирад. Дар номгӯи лоиҳаҳои нав, чунин лоиҳаҳое ҳам ҳастанд, ки ба таври расмӣ тасдиқ нашудаанд, вале лоиҳаҳои афзалиятдошта мебошанд.

Ҷадвали №3

**Тақсимоти маблағҳои сармоягузорӣ аз рӯи соҳаҳо**

*(ҳазор доллари ШМА)*

| Соҳаҳо | 2016 с | 2017 с | 2018 с | 2019 с | 2020 с | Ҳамагӣ дар солҳои 2016-2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 0 | 2 165 | 1 100 | 700 | 650 | 4 615 |
| Ирригатсия/обёрӣ | 12 960 | 22 480 | 18 290 | 6 740 | 3 950 | 64 420 |
| Таъминоти об ва канализатсия | 17 910 | 28 430 | 34 675 | 36 000 | 16 240 | 133 255 |
| Энергетика | 74 160 | 60 706 | 50 450 | 35 010 | 23 885 | 244 211 |
| Нақлиёт | 97 972 | 113 059 | 133 000 | 37 330 | 46 370 | 427 731 |
| Маориф | 10 807 | 13 224 | 10 555 | 3 310 | 11 100 | 48 996 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 330 | 5 750 | 8 410 | 8 265 | 7 525 | 30 280 |
| Мултисектор ва дигар бахшҳо | 17 417 | 13 700 | 10 150 | 12 200 | 13 050 | 66 517 |
| **Ҳамагӣ** | **231 556** | **259 514** | **266 630** | **139 555** | **122 770** | **1 020 025** |

Ҷадвали мазкур соҳаҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла энергетика ва нақлиётро фаро мегирад, ки онҳо асоси лоиҳаҳои давраи 5-соларо ба маблағи умумии 671,9 млн. доллари ШМА ё 65,8 фоизи маблағи умумиро ташкил медиҳанд. Дар сохтори нишондиҳандаҳо лоиҳаҳои асосӣ, ки бо қарз таъмин шудаанд ва ҳоло дар ҷараёни иҷро мебошанд, дохил карда шуда, барқарорсозии соҳаҳои энергетика ва нақлиёт пешбинӣ шудаанд.

Инфрасохторе, ки дар ҳолати зарурӣ нигоҳ дошта шудааст, ба баланд шудани маҳсулнокӣ ва рушди иқтисодии тамоми соҳаҳо, таъмини дастрасӣ ба бозорҳо, ба рақобат ва фаъол гардидани бахши хусусӣ кӯмак хоҳад расонид.

Ҳуҷҷати «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон» эътироф менамояд, ки инфрасохтор дастрасии аҳолии камбизоатро ба об, қувваи барқ ва нақлиёт осон мегардонад. Лоиҳаҳои соҳаи иҷтимоӣ, ки ба он тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, таъминоти об ва канализатсия дохиланд, маблағи 212,5 млн. доллари ШМА ё 20,8 фоизи маблағи умумиро ташкил медиҳанд. Лоиҳаҳои сармоягузории соҳаҳои кишоварзӣ ва ирригатсия 69 млн. доллари ШМА ё 6,7 фоизи маблағи умумиро дар бар мегиранд.

Диаграммаи №1: Ҳиссаи умумии соҳаҳо дар солҳои 2016-2020 *(бо фоиз)*




Сарчашмаҳои воқеии маблағгузорӣ барои солҳои 2016-2020 дар Ҷадвали №4 ва Ҷадвали ҷамъбастии 3-и замимаи №2 оварда шудааст. Таҳти банди «Маблағгузории хориҷӣ» манбаъҳое муайян шудаанд, ки дар ҷараёни муҳокима қарор доранд ва ё ба маблағгузорӣ эҳтиёҷ доранд.

Ҷадвали № 4

**Манбаъҳои маблағгузорӣ барои солҳои 2016-2020**

(ҳазор доллари ШМА)

| Манбаъҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Ҳамагӣ дар солҳои 2016-2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Маблағгузории хориҷӣ** *(аз он ҷумла)* | **223561,0** | **250490,0** | **256820,0** | **134435,0** | **120965,0** | **986271,0** |
| *Қарз* | *202164,0* | *232370,0* | *233750,0* | *120995,0* | *109515,0* | *898794,0* |
| *Грант* | *21397,0* | *18120,0* | *23070,0* | *13440,0* | *11450,0* | *87477,0* |
| **Маблағгузории дохилӣ** *(аз он ҷумла)* | **7995,0** | **9024,0** | **9810,0** | **5120,0** | **1805,0** | **33754,0** |
| *Буҷет* | *7145,0* | *6494,0* | *3550,0* | *1220,0* | *1330,0* | *19739,0* |
| *Манбаъҳои дигар* | *850,0* | *2530,0* | *6260,0* | *3900,0* | *475,0* | *14015,0* |
| **Ҳамагӣ** | **231556,0** | **259514,0** | **266630,0** | **139555,0** | **122770,0** | **1020025,0** |

## Фасли IV. Бахши сохтмони асосӣ

### Боби 11. Бахши сохтмони асосӣ

Дар солҳои 2016-2020 барои сохтмони иншоотҳои аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамаркази Буҷети давлатӣ сохташаванда дар ҳаҷми 21 298,4 млн. сомонӣ аз он ҷумла; дар соли 2016 – 3375,4 млн. сомонӣ, соли 2017 – 3755,6 млн. сомонӣ, соли 2018 – 4235,2 млн. сомонӣ, соли 2019 –4685,0 млн. сомонӣ ва дар соли 2020 –5247,2 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст (ҷадвали №5 ва ҷадвали ҷамъбастии 4-и замимаи №2).

Сохтмони иншоотҳои пешбинишуда асосан соҳаҳои энергетика, нақлиёт, ирригатсия, кишоварзӣ, мудофиа, ҳифзи ҳуқуқ, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва дигар соҳаҳоро дар бар мегиранд.

Бунёди иншооти ба нақша гирифташуда бодарназардошти афзалиятнокии онҳо дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳар сол дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии кишвар баён гардидааст, инчунин дар асоси қарору фармоишҳо ва барномаҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳодҳои вазорату идораҳои ҷумҳурӣ интихоб гардидаанд.

### Боби 12. Тақсимоти маблағҳо барои сохтмони асосӣ аз рӯи соҳаҳо

Дар соли 2016 тибқи дурнамо аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамаркази Буҷети давлатӣ 3375,4 млн. сомонӣ аз ҷумла, дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ ба маблағи –2009,6 млн. сомонӣ, нақлиёт ва коммуникатсия -14,0 млн. сомонӣ, кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор - 17,8 млн. сомонӣ, саноат ва сохтмон –27,1 млн. сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал - 266,2 млн. сомонӣ, маориф - 224,15 млн. сомонӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ –64,9

млн. сомонӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ – 9,0 млн. сомонӣ, фарҳанг ва варзиш- 509,1 млн. сомонӣ, бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ – 96,1 млн. сомонӣ, мудофиа – 72,4 млн. сомонӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ –65,1 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар соли 2017 тибқи дурнамо аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамаркази Буҷети давлатӣ 3755,6 млн. сомонӣ аз ҷумла, дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ ба маблағи – 2114,2 млн. сомонӣ, нақлиёт ва коммуникатсия -18,0 млн. сомонӣ, кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор – 20,6 млн. сомонӣ, саноат ва сохтмон – 38,6 млн. сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал – 568,3 млн. сомонӣ, маориф – 268,2 млн. сомонӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – 108,3 млн. сомонӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ – 9,8 млн. сомонӣ, фарҳанг ва варзиш – 382,7 млн. сомонӣ, бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ – 106 млн. сомонӣ, мудофиа – 28,1 млн. сомонӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ 92,8 – млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар соли 2018 тибқи дурнамо аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамаркази Буҷети давлатӣ 4235,2 млн. сомонӣ аз ҷумла, дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ ба маблағи – 2215,4 млн. сомонӣ, нақлиёт ва коммуникатсия –20,0 млн. сомонӣ, кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор- 20,9 млн. сомонӣ, саноат ва сохтмон –44,4 млн. сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал – 617,0 млн. сомонӣ, маориф – 224,3 млн. сомонӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ –121,1 млн. сомонӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ – 10,5 млн. сомонӣ, фарҳанг ва варзиш -668,3 млн. сомонӣ, бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ –111,1 млн. сомонӣ, мудофиа – 84,6 млн. сомонӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ 97,6 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар соли 2019 тибқи дурнамо аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамаркази Буҷети давлатӣ 4685,0 млн. сомонӣ аз ҷумла, дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ ба маблағи – 2312,1 млн. сомонӣ, нақлиёт ва коммуникатсия – 23,0 млн. сомонӣ, кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор – 24,4 млн. сомонӣ, саноат ва сохтмон – 56,4 млн. сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал –757,1 млн. сомонӣ, маориф – 241,5 млн. сомонӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ – 134,6 млн. сомонӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ –11,8 млн. сомонӣ, фарҳанг ва варзиш- 823,9 млн. сомонӣ, бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ – 114,0 млн. сомонӣ, мудофиа – 86,3 млн. сомонӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ – 99,9 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар соли 2020 тибқи дурнамо аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамаркази Буҷети давлатӣ 5247,2 млн. сомонӣ аз ҷумла, дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ ба маблағи – 2556,3 млн. сомонӣ, нақлиёт ва коммуникатсия – 28,0 млн. сомонӣ, кишоварзӣ моҳидорӣ ва шикор – 26,6 млн. сомонӣ, саноат ва сохтмон –68,9 млн. сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал –870,3 млн. сомонӣ, маориф – 252,7 млн. сомонӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – 143,7 млн. сомонӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ –12,4 млн. сомонӣ, фарҳанг ва варзиш -956,2 млн. сомонӣ, бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ – 116,9 млн. сомонӣ, мудофиа – 98,1 млн. сомонӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ – 117,1млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Ҷадвали №5

**Тақсимоти маблағҳо барои сохтмони асосӣ, аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамаркази Буҷети давлатӣ аз рӯи соҳаҳо**

*(млн. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳаҷми маблағгузории асосӣ | | | | | Ҳамагӣ дар солҳои 2016-2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 | соли 2020 | |
| Бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ | 96,1 | 106,0 | 111,1 | 114,0 | 116,9 | 544,1 |
| Мудофиа | 72,4 | 28,1 | 84,6 | 86,3 | 98,1 | 369,5 |
| Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ | 65,1 | 92,8 | 97,6 | 99,9 | 117,1 | 472,5 |
| Маориф ва илм | 224,1 | 268,2 | 224,3 | 241,5 | 252,7 | 1 210,8 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 64,9 | 108,3 | 121,1 | 134,6 | 143,7 | 572,6 |
| Суғуртаи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ | 9,0 | 9,8 | 10,5 | 11,8 | 12,4 | 53,5 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал | 266,2 | 568,3 | 617,0 | 757,1 | 870,3 | 3 078,9 |
| Фарҳанг ва варзиш | 509,1 | 382,7 | 668,3 | 823,9 | 956,2 | 3 340,2 |
| Комплекси сӯзишворию энергетикӣ | 2 009,6 | 2 114,2 | 2 215,4 | 2 312,1 | 2 556,3 | 11 207,6 |
| Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор | 17,8 | 20,6 | 20,9 | 24,4 | 26,6 | 110,3 |
| Саноат ва сохтмон | 27,1 | 38,6 | 44,4 | 56,4 | 68,9 | 235,4 |
| Нақлиёт ва коммуникатсия | 14,0 | 18,0 | 20,0 | 23,0 | 28,0 | 103,0 |
| **Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ** | **3 375,4** | **3 755,6** | **4 235,2** | **4 685,0** | **5 247,2** | **21 298,4** |

## Фасли V. Лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ

### Боби 13. Асосҳои пешниҳоди лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ

Рӯйхати пешниҳодшавандаи лоиҳаҳо оид ба грантҳо ва кӯмаки техникӣ дар асоси таклифҳои пешниҳоднамудаи вазорату идораҳои давлатӣ ва донорҳо тибқи Ҷадвали №6 мураттаб гаштааст.

Дар хусуси пешниҳодҳои нав оид ба кӯмакҳои техникӣ, ки аз ҷониби идораҳои давлатӣ барои ворид намудан ба Барномаи давлатии сармоягузориҳо пешниҳод шуда, ба маблағгузории донорҳо эҳтиёҷ доранд, маълумоти мухтасар оварда мешавад.

### Боби 14. Сохтори лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ

Лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ аз 714 лоиҳа ба маблағи 16,8 млрд. доллари ШМА иборат мебошад. Аз теъдоди умумии лоиҳаҳо оид ба грантҳо ва кӯмаки техникӣ тақрибан дар 146 лоиҳа манбаъҳои

маблағгузорӣ муайян шудаанд, ки аксарияти онҳо амалӣ шуда истода, қисме аз онҳо дар мавриди мувофиқа бо донорҳо қарор доранд.

Дар раванди ҷудо намудани лоиҳаҳо ба соҳаҳо, ки дар доираи лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ сурат мегирад, ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳрӣ 1,2 млрд. доллари ШМА рост меояд, ки 7,5 фоизи маблағҳои Барномаи грантҳо ва кӯмаки техникиро дар бар мегирад.

Пешбинӣ шудааст, ки ба соҳаи идоракунии иқтисодӣ 252,2 млн. доллари ШМА ҷудо карда мешавад, ки 1,5 фоизи ҳаҷми умумии маблағгузориро ташкил медиҳад. Маблағгузории мазкур ба ислоҳот дар соҳаи идоракунии давлатӣ, ташкили иқтидор оид ба идоракунии иқтисодиву молиявӣ, инчунин идоракунии андоз сафарбар шудаанд.

Ҷадвали №6

**Тақсимоти маблағгузории лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ аз рӯи соҳаҳо**

*(ҳазор доллари ИМА)*

| **Соҳа / Лоиҳа** | **Миқдори лоиҳаҳо** | **Арзиши умумии лоиҳаҳо (ҳаз. долл. ШМА)** | **%** | **Манбаъҳои маблағгузор** | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | **Дохилӣ** | **Беруна** |
| Идоракунии иқтисодиёт | 27 | 252 276,69 | 1,5 | 6 918,00 | 245 358,69 |
| Кишоварзӣ | 38 | 449 179,36 | 2,7 | 13 654,06 | 435 525,30 |
| Ирригатсия /обёри | 65 | 1 189 743,50 | 7,2 | 1 175,82 | 1 188 567,68 |
| Бообтаъминкунӣ ва канализатсия | 216 | 859 457,63 | 5,2 | 9 463,65 | 849 993,98 |
| Энергетика | 89 | 6 129 709,10 | 37,0 | 12 200,00 | 6 117 509,10 |
| Нақлиёт | 86 | 7 165 978,60 | 43,3 | 80 170,70 | 7 085 807,90 |
| Маориф | 79 | 225 321,41 | 1,4 | 1 146,51 | 224 174,90 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 59 | 140 557,80 | 0,8 | 0,00 | 140 557,80 |
| Мултисектор ва соҳаҳои дигар | 55 | 391 134,11 | 0,9 | 30,00 | 391 104,11 |
| **Ҳамагӣ** | **714** | **16 803 358,20** | **100** | **124 758,74** | **16 678 599,46** |

## Фасли VI. Муаррифии намунаҳои ҷадвалҳои маълумотӣ ва ҷамъбастии Барномаи давлатии сармоягузориҳо, грантҳо ва сохтмони асосӣ

### Боби 15. Ҷараёни тартиб додани ҷадвалҳои маълумотӣ ва ҷамъбастӣ

Бо мақсади гузаронидани таҳлили лоиҳаҳои Барномаи давлатии сармоягузориҳо ва сохтмони асосӣ, дар асоси маълумотҳои пешниҳоднамудаи вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷадвалҳои маълумотӣ ва ҷамъбастӣ тартиб дода мешаванд. Шарҳи маълумоти ҷадвалҳои маълумотӣ ва ҷамъбастӣ оиди лоиҳаҳо ва истифодабарии шакли дархостҳо барои таҳияи Барномаи давлатии сармоягузориҳо дар матни БДС (ҷадвалҳои №№1-6 ва ҷадвалҳои ҷамъбастии 1-5 замимаи №2) оварда мешаванд.

**Боби 16. Ҷадвалҳои маълумотӣ дар бораи лоиҳаҳо**

Шакли зикргардида ҷадвалҳои маълумотӣ дар бораи лоиҳаҳо барои ҷойгир намудани нишондиҳандаҳои пешниҳоду таклифҳои лоиҳавӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Қисмати матнии БДС, дар бораи мақсадҳо ва вазифаҳои лоиҳаҳо, маълумоти умумӣ ва асоснокии мантиқӣ, тарҳе, ки дар он қисматҳои хароҷот тавзеҳ дода мешавад, мақом, манбаъҳои маблағгузории хориҷӣ, кӯмаки техникӣ ва хароҷоти ҷориро фаро мегирад.

Қисми маблағгузории лоиҳаҳо дар ҷадвалҳои маълумотӣ дар бораи лоиҳаҳо ба се гурӯҳ ҷудо мешавад.

Гурӯҳи аввал - маблағгузории буҷети берунаро дар бар мегирад. Оид ба лоиҳаҳое, ки дар марҳилаи иҷроиш ҳастанд, ин нишондод манбаъи маблағгузориеро ифода менамояд, ки муайян гаштаанд ва ё дар мавриди мувофиқа бо донорҳо қарор доранд. Ҳамзамон оид ба лоиҳаҳои нав ин маблағгузорӣ дар марҳилаи ҷустуҷӯ қарор дорад.

Гурӯҳи дуюм - фондҳоеро, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, дар назар дорад. Ин гурӯҳро асосан фонди шарикӣ, ки аз буҷети миллӣ ҳангоми таъмини маблағгузории донорҳо ба лоиҳаҳои нави пешбинишуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми шарикӣ дорад, ташкил медиҳад.

Гурӯҳи сеюм - маблағгузориҳои фаръӣ буда, фондҳои аз дигар манбаъҳо маблағгузоришаванда, аз ҷумла даромадҳои бо қувваи худ бадастовардаро нишон медиҳад.

**Боби 17. Ҷадвалҳои маълумотӣ дар бораи лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ**

Шакли зикргардидаи ҷадвалҳои маълумотии дар лоиҳаҳои грантӣ ва кумаки техникӣ истифодашаванда, аз шакли ҷадвалҳои маълумотӣ дар бораи лоиҳаҳо фарқ мекунад. Қисмати матнии ҷадвал аз номи лоиҳа, асоснокӣ, шарҳ ва татбиқи он иборат мебошад. Маблағгузории грантӣ арзиши умумии лоиҳаро аз ҳисоби манбаъҳои сармояи хориҷӣ ва буҷети миллӣ, бе шарҳи муфассали солҳо нишон медиҳад.

Ҷадвали маълумот дар бораи грантҳо оид ба лоиҳаҳои грантии дар марҳилаи татбиқ қарордошта, нишондиҳандаҳои фондҳои амалан ваъдашударо дар бар гирифта, оид ба лоиҳаҳои нав ба фондҳои ҷустуҷӯшаванда ишора менамояд.

**Боби 18. Ҷадвалҳои ҷамъбастии Барномаи давлатии сармоягузориҳо**

Ҷадвалҳои ҷамъбастии Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016-2020 тибқи замимаи №2 ба Барномаи мазкур ҳамроҳ карда шуда, аз 5 адад ҷадвалҳои ҷамъбастӣ иборат мебошад, ки тақсимоти маблағҳо аз рӯи соҳаҳо, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ то санаи 1 сентябри соли 2015, манбаъҳои маблағгузорӣ, бахши сохтмони асосӣ (аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамаркази Буҷети давлатӣ) ва лоиҳаҳои нави грантӣ ва кӯмакҳои техникӣ барои солҳои 2016-2020-ро дар бар мегирад.

Ҷадвали ҷамъбастии 1: Тақсимоти маблағҳо аз рӯи соҳаҳо дар доираи Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016-2020 ном дошта,

дар он нишондодҳои ҷамъбастӣ оид ба лоиҳаҳои дар марҳилаи татбиқ қарордошта ва пешниҳоди лоиҳаи нав дар соҳаҳо оварда шудаанд.

Ҷадвали ҷамъбастии 2: Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи давлатии сармоягузориҳо ном дошта, шарҳи мухтасари иҷрои лоиҳаҳои татбиқшавандаи Барномаро то санаи 1 сентябри соли 2015 дар бар мегирад. Ҷадвали мазкур Барномаи давлатии сармоягузориро инъикос намуда, дар сутуни хароҷотии он хароҷоти воқеии пешниҳоднамудаи Маркази иҷрои лоиҳаҳо ва дигар ташкилотҳои донорӣ ҷой дода шудаанд.

Ҷадвали ҷамъбастии 3: Манбаъҳои маблағгузории Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016-2020 ном дошта, рӯйхати кулли лоиҳаҳои қарзии БДС-ро аз рӯи соҳаҳо барои панҷ соли минбаъдаи БДС, аз рӯи категорияҳои иловагии «Амалкунанда» ва «Нав» фаро мегирад. Сутуни маблағи ҷамъбастии лоиҳа маблағи умумии барои тамоми давраи лоиҳа зарурро, ки баъзан аз давраи панҷсола зиёд аст, нишон медиҳад. Сутунҳои минбаъда арзиши лоиҳаро дар ҳар соли БДС ва барои панҷ соли минбаъда инъикос мекунад. Солҳои 2016-2020 дар алоҳидагӣ ба манбаъҳои маблағгузории сармояи хориҷӣ, буҷетӣ ва дигар манбаъҳо тақсим шудааст. Барои лоиҳаҳои амалкунанда сутунҳои маблағгузориҳои сармояи хориҷӣ, буҷетӣ ва дигар манбаъҳо нишон медиҳанд, ки манбаъҳо аллакай муайян шудаанд ва барои лоиҳаҳои нав ин сутунҳо маблағгузориҳоеро нишон медиҳанд, ки дар давраи ҷустуҷӯ ё гуфтушунид қарор доранд.

Ҷадвали ҷамъбастии 4: Бахши сохтмони асосӣ (аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамаркази Буҷети давлатӣ) барои солҳои 2016-2020 ном дошта, маълумот дар бораи тақсимоти панҷсолаи маблағҳои фармоишгарон, ки ба сохтмони асосӣ равона мешаванд, дарҷ гардидааст.

Ҷадвали ҷамъбастии 5: Лоиҳаҳои нави грантӣ ва кӯмакҳои техникӣ барои солҳои 2016-2020 ном дошта, рӯйхати ҳамаи лоиҳаҳои амалкунанда ва нави грантӣ ва кӯмакҳои техникиро, ки дар давраи БДС амалӣ хоҳанд шуд, дар бар мегирад. Дар сутунҳои маблағҳои умумии лоиҳаҳо, саҳми буҷети давлатӣ, маблағгузории сармояи хориҷӣ, мақоми лоиҳа, маблағи ӯҳдадориҳои молиявӣ ва донорҳое, ки барои ҷудо кардани маблағ ӯҳдадор шудаанд, ҷой дода шудаанд. Дар сутуни "Ӯҳдадориҳо" маблағҳое ифода шудаанд, ки донорҳо оид ба маблағгузории лоиҳаи мазкур ӯҳдадориҳои қавӣ гирифтаанд. Агар рақам муайян шуда, номи донор нишон дода нашуда бошад, маънои онро дорад, ки бо донорҳо гуфтушунид идома дорад ё аз донорҳо ӯҳдадории қатъӣ гирифта нашудааст.